# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5–9 дар чараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ тахти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҳалли проблемаҳои экологӣ, рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ аҳамияти хоса дода саъю кӯшиш дорад, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон меъёрҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи рушди устувори иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ риоя намояд.

Ҳанӯз соли 2018 Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мазкур чунин ибрози ақида намуда буданд « …Зарур аст,ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист,олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва ба ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ кунем».

Сохтмони иншоотҳои азим, зиёдшавии шумораи наклиёт, гармшавии саросарии иқлим, албатта, ба муҳити атроф бетаъсир намемонанд ва ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор месозад, ки пайваста дар талош ва кӯшиши ислоҳи вазъи дар натиҷаи зуҳуроти проблемаҳои экологӣ ба вуҷудоамада бошад. Дар ҷодаи рафъ ва пешгирии оқибатҳои мушкилоти экологӣ муҳим аст, ки тамоми қишрҳои ҷомеа дар бораи онҳо тасаввуроти амиқ дошта бошанд, омилҳои пайдоиш, микёси паҳншавӣ, оқибатҳо ва роҳҳои пешгирии онҳоро донанд. Дар ин кор нақши омӯзиш асосӣ ва муҳимтарин маҳсуб мёбад. Моҳияти ин масъала дар он зуҳур мегардад, ки баробари пешрафти

ҷомеа ҷараёни таъсири фаъолияти инсон ба муҳити табиӣ васеъ шуда ва дар заминаи инқилоби илми-техникӣ босуръат идома меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки ташаккули маърифати экологии ҷомеа, асоси инкишофи маҳорату малакаҳои муносибати рафтор дар табиат, муносибати мунтазам бо боигариҳои он масъалаи ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Набояд фаромӯш кард, ки тарбия ва маърифати экологӣякчанд вазифаро талаб намуда тақозо менамояд, ки шахсро чунон бояд тарбия кард, ки вобастагии инсону ҷамъият ва табиатро дарк намояд ва нисбат ба ҳолату вазъи муҳити атрофаш масъулият ҳис кунад. Тарбияи экологӣ он вақт ба ҳадаф мерасад, ки бефосила бошад ва дар тамоми ҳаёт давом кунад.

Дар ин замина ташаккул додани ҳисси табиатдӯстии шаҳрвандон ба баррасии ҷанбаҳои инкишофи таърихии муҳити зист, мушкилотҳо, муаамоҳо ва садамаҳои экологӣ ва билохир истифодаи оқилонаи манбаъ ва захираю боигариҳои табиат низ бештар маълумотҳои мушахасси илмию назариявӣ додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз, пажӯҳиши рисолаи илмии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар замони ҳозира, дар давраи ташаккули низоми маориф хеле муҳим аст, чунки масъалаи интихобшуда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи проблемаҳои кам омӯхташуда ба ҳисоб меравад.

**Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқот:**

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқот бо нишон додани далелҳои мушахаси илмӣ фарқ мекунад ва дар ифшои проблемаи тадқиқот ҳамчун заминаи боэътимод ба самти он, аз чумла ба қисми таҷрибавию амалии он таъсири мусбат расонидааст.

Эътимоднокии заминаи методологии тадқиқотро сохтори хуб таҳияшудаи дастгоҳи илмии рисола таъмин мекунад. Бо мантиқан муайян кардани объект, предмет ва ҳадафи тадқиқоти илмӣ унвонҷӯ фарзияеро пешниҳод намудааст, ки дар оянда барои бомуваффақият асоснок кардани методология, васеъ намудани назарияи мавзӯъ, яъне «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» замина гузоштааст ва

ҳамзамон инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, ҷаҳонбинии илмии хонандагон мавриди омӯзиш, таҳлил ва тавсифу баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд қайд намуд,ки вазифаҳои тадқиқот зина ба зина бо як мантиқи муайян нишон дода шудааст. Рисолаи илмии мазкур бешубҳа аҳамияти калони амалӣ дорад, чунки дар он маводҳои илмии таҷрибавӣ ва хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда оварда шудааст.

Унвонҷӯ корҳои илмии, олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи омӯзгорони фанҳои экология ва биологияро, ки ташаккули маърифати экологии хонандагонро дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология инъикос намудаанд, муфассал омӯхтааст. Аз ҷумла таҳлил ва таҳқиқи сарчашмаҳои олимони хориҷӣ аз қабили Н.Н Моисеев, Н.Ф. Рейгрие, Ю.К Бабенский, А.Н. Леонтев, Т.И. Шамова, Т.И. Шукина, Н.Ф. Виноградова, И.Д. Зверев, А.Н. Захлебний, И.Т. Суравегина, К.И. Василева, Р.М. Евдокимова ва олимону муҳаққиқони ватанӣ М. Лутфуллоев, С.С. Мирзоев, Н.О Холбеков, А.И. Раҳимов, Холназаров С., Ёров Ҷ., Насриддинов С., А.М.Мирализода, М М. Досаков ва дигарон инъикос гардида, нақши онҳо ба рушди илми педагогикаи ватанӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи маориф, аз ҷумла "Қонун дар бораи маориф" (2013), "Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020" (2017), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи солҳои 2020 - 2040 "Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, семинару ҷаласаҳои Шурои илмӣ-методии донишгоҳ ва кафедраҳои тахассусиро дар бар мегирад.

Татбиқи амалии натиҷаҳои модели мавзуи илмӣ – таҳқиқотӣ, тахти унвони "Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология", тариқи пурсишу суҳбатҳои шифоҳӣ, саволнома – анкетаҳо (тестҳои

тахассусӣ), корҳои хаттӣ – санҷишии хонандагон дар доираи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ сурат гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** бештар барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу санҷиши ҷанбаҳои педагогию дидактикии таҳқиқот ва натиҷаҳои татбиқи амалии фарзияи пешниҳодшуда ва дар маҷмуъ ноил шудан ба ҳадафҳои мақсаднок методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ интихоб ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Муаллифи рисола адабиётҳои илмиро оид ба мавзӯи тадқиқот таҳлил намуда, қайд мекунад, ки дар илми педагогикаи ватанӣ то ҳол равиши нисбатан муассири ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология вуҷуд надорад.

Унвонҷӯ мушкилоти мазкур ва инчунин амалияи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18,19,39,5,37,32,- и н. Фархори минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро омӯхта, муайян кардааст, ки дар шароити низоми гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология ҷиҳати рушди маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 ба шарте мусоидат менамояд, ки агар:

- мазмуну мундариҷаи сохтори машғулиятҳои беруназсинфӣ ва берунazмактабӣ ҳамчун ҷузъи таркибию идомаи дарсҳои муқаррарии ҷараёни таълиму тадриси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи педагогию дидактикӣ ва методӣ тарҳрезӣ ва муайян карда шавад;
- роҳу усулҳои истифодаи самараноки фаъолгардонӣ ва ташаккули табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифати экологии хонандагон дар заминаи машғулиятҳои берунасинфию беруназмактабӣ, тибқи талаботи педагогию дидактикӣ ва методӣ амалан коркарду баррасӣ карда шаванд;
- роҳу усулҳои амалисозии "Модели таҳқиқот оид ба "Фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии таҳия ва татбиқ карда шавад".

Асосҳои методологӣ ва назариявии татқиқот дуруст тартиб дода шудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад,ки унвонҷӯ Қӯзива Р. М оид ба назария ва амалияи таълим маълумоти кофӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кори таҷрибавӣ ба даст овардаашро моҳирона таҳлил намудааст.

**Арзёбии навоварӣ ва эътимоднокии тадқиқот:**

1. Модели илмӣ-назариявӣ ва методию амалии мавзуи таҳқиқотӣ доир ба "Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология" - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркард ва аз ҷиҳати амалӣ асоснок карда шуд;
2. Муайян карда шуд, ки барои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон системаи яклухти ҷараёни таълим, ягонагию боҳамалоқамандии самтҳои мундариҷавии таҳқиқот мавҷуд набуда, ин раванд ҷараёни мунтазами муаррифию арзёбӣ, тарҳрезӣ ва мураттабсозии технологияҳои навро талаб менамояд;
3. Нақш ва мақоми методҳои гуногуни таълим, шаклҳои ташкилии раванди таълим, аз ҷумла машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон аз сикли фанҳои умумибиологӣ муайян ва арзёбӣ гардид.
4. Дар ҷараёни гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳои педагогӣ, саволнома-анкетаҳо, корҳои хаттӣ-санҷишӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ мазмун ва мандариҷаи машғулиятҳои намунавӣ барои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ таҳия карда шуд.

Дар ибтидои диссертатсия муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот дарҷ шудааст, ки дар он мубрамӣ ва зарурияти баргузории ҷанбаҳои таҳқиқот, дараҷаи азхудшавии мавзуъ, заминаҳои илмӣ, назариявию методологӣ, мақсад, объект, мушкилот, вазифаҳо, фарзия, муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, эътимоднокии натиҷаҳо, идеяҳои пешбар, аҳамияти

назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсӣ дар таҳияи диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, пойгоҳи таҳқиқот дарҷ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия:**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки мазмуни асосии таҳқиқотро ифода мекунанд, бо теъдоди 17 мақолаҳои илмӣ: 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 дар маводи конференсияҳо ва 3 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумию пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда дар ҳаҷми 200 адад иборат буда ҳаҷми умумии диссертатсия дар 167 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шудааст.

Кори рисолаи илмии Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна омӯзиши мустақили мукаммали илмии як проблемаи актуалӣ буда, ҳамчун кори илмии дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ баҳо дода шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки проблемаи мавриди тадқиқшавандаро дар сатҳи назариявӣ комилан таҳлил намуда, зарурати ҳалли амалии он ва омӯзиши онро нишон диҳад. Ҳамзамон мақсади дар таҳқиқ гузошташуда амалӣ гардида, вазифаҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию таҷрибавии он ҳал гардиданд. Натичаҳои ба даст омада фарзияҳои пешниҳодшударо тасдик намуданд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии куллии материали назариявию таҷрибавӣ асос ёфта, фарзияи тадқиқотро ба таври боварибахш исбот мекунанд. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Бо вуҷуди арзишмандии зиёди илмӣ доштани тадқиқоти диссертатсионӣ он аз саҳву иштибоҳот низ холӣ нест.**

1. Дар рисолаи мазкур руйхати олимони хориҷие, ки дар ин мавзуъ таҳқиқот бурдаанд, камтар нишон дода шудааст.
2. Бо мақсади мукаммал гардидани натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – татқиқотӣ, хуб мешуд агар унвонҷӯ дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон низ таҳқиқот мегузаронид.

3. Дар матни рисола баъзе хатохои услубӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки ин муҳтаво ва мазмуни рисоларо коста намегардонад.

Хулоса рисолаи илмии Кӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» ба бандҳои 67, 69, 71 ва 72-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267
ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Директори маркази омӯзиши
“Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон”- и
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.п, дотсент: Сайдаҳмадзода Д.

Имзои Сайдаҳмадзода Д - ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бобозода О.О.

**Маълумот барои тамос:**
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи
Саид Носир 33, Тел: 992933700600,
суроғаи электронӣ, sdl6868@mail.ru
25.11.2022